## Шарҳи моҳонаи таваррум • МАЙ 2026

**Дар моҳи майи соли 2026 сатҳи таваррум[1] 0,6 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,5 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

### Таварруми хӯроквори

Дар сохтори таварруми моҳона нархи маҳсулоти хӯроквории ба андозаи 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.) раванди болоравӣ дошт. Афзоишёбии мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи кабудӣ 21,0 фоиз, харбуза 15,1 фоиз, конфети шоколадӣ 11,5 фоиз, ангур 11,3 фоиз, лиму 8,3 фоиз, себ 7,5 фоиз, сабзӣ 5,5 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи пиёз 13,6 фоиз, помидор 10,9 фоиз, бодиринг 10,4 фоиз, карам 9,4 фоиз, биринҷ 0,6 фоиз ва гӯшти мурғ 0,2 фоиз ба назар расид.

### Таварруми ғайрихӯроквори

Болоравии нархи молҳои ғайрихӯроквори бошад, дар ин моҳ 1,1 фоиз ба қайд гирифта шуда (0,4 б.ф.), бештар аз ҳисоби қиматшавии нархи семент 20,8 фоиз, гази моеъ 16,6 фоиз, сӯзишвории дизелӣ 11,3 фоиз, либос ва пойафзол 1,0 фоиз ва бензин 0,3 фоиз мушоҳида гардид.

### Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи баррасишаванда дар умум бетағйир боқӣ монд. Дар баробари ин болоравии нархи хизматрасониҳои меҳмонхонаҳо 1,5 фоиз, хӯроки ҷамъиятӣ 1,1 фоиз ва манзилию коммуналӣ 0,5 фоиз ба амал омад.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи майи соли 2026, дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (5%±2 банди фоизӣ) қарор дошта,**

**Таварруми моҳона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таварруми солона ва ҳадафи он бо фоиз**
(манбаъ: Агентиии омор ва Бонки миллии Тоҷикистон)



**4,1 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи майи соли 2026 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 34,9 фоиз, Қазоқистон 10,4 фоиз, Гурҷистон 5,7 фоиз, Ӯзбекистон 5,5 фоиз, Россия 5,3 фоиз, Беларус 4,8 фоиз ва Арманистон 4,2 фоизро ташкил медиҳад.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи майи соли ҷорӣ 0,2 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад ба 2,9 фоиз баробар гардид.

**Бо мақсади дар доираи ҳадафи муқарраршуда, нигоҳ доштани сатҳи таваррум Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзиро бо истифода аз воситаҳои монетарӣ идома хоҳад дод.**

**Таварруми моҳи дар моҳи май дар кишварҳои шарикони асосии савдо ва минтақа бо фоиз**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | 2026 | | | | | Май тағйирёбии моҳона бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Март | Июн | Июл | Сен | Дек | Янв | Фев | Март | Апрел | Май | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,4** | **2,8** | **3,5** | **3,6** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **4,1** | **0,6** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **52,0** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **4,1** | **4,5** | **3,1** | **4,4** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **4,3** | **4,6** | **0,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,5 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -3,2 | -5,7 | -5,1 | -3,0 | 0,4 | 0,9 | 1,3 | 3,3 | 4,2 | 5,6 | 0,1 |
| Биринҷ | 2,6 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 5,1 | 0,7 | -0,8 | -2,6 | -3,9 | -7,1 | -8,2 | -10,1 | -10,7 | -10,4 | -0,6 |
| Орд | 4,1 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -11,0 | -13,2 | -13,0 | -13,1 | -11,5 | -7,9 | -6,3 | -4,2 | -2,9 | -0,4 | 0,5 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,6 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,6 | 15,1 | 14,1 | 13,8 | 10,9 | 11,6 | 11,0 | 9,6 | 8,6 | 8,4 | 0,5 |
| Гӯшти гов | 3,5 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 24,7 | 25,0 | 23,2 | 20,8 | 14,4 | 14,9 | 14,0 | 12,1 | 11,1 | 9,9 | 0,3 |
| Тухм | 1,9 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 10,1 | 22,1 | 26,0 | 7,7 | 6,0 | 1,0 | 4,5 | -2,6 | 0,2 | 4,7 | -1,7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 5,5 | 5,6 | 4,2 | 3,8 | 6,3 | 5,4 | 5,5 | 2,8 | 3,5 | 4,4 | 0,0 |
| Шир | 0,8 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 9,3 | 10,5 | 11,1 | 5,3 | 10,6 | 9,4 | 8,7 | 2,4 | 2,2 | 3,9 | -0,3 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,3 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 14,4 | 15,0 | 12,2 | 11,1 | 3,6 | 4,7 | 4,2 | 4,3 | 3,1 | 1,3 | 0,1 |
| Меваҷот | 3,3 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -7,4 | -15,4 | -10,3 | -2,7 | 7,3 | 10,4 | 10,5 | 8,9 | 13,2 | 16,4 | 5,7 |
| Сабзавот | 6,9 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 7,4 | 24,1 | 23,2 | 8,1 | 9,8 | 6,7 | 4,7 | 0,0 | -1,8 | -6,4 | -2,1 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -9,7 | -8,1 | -8,8 | -9,4 | -8,2 | -5,8 | -6,3 | -3,2 | 5,0 | 6,0 | 0,5 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,9 | 2,8 | 3,4 | 3,7 | 4,0 | 4,8 | 6,4 | 1,6 |
| Хӯроки умумӣ** | 1,1 | 9,0 | 6,3 | 6,3 | 10,9 | 5,9 | 13,1 | 13,7 | 14,6 | 8,9 | 8,8 | 6,8 | 8,1 | 9,3 | 6,6 | 0,3 |
| Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку | 0,7 | 3,0 | 4,5 | 5,7 | 9,4 | 9,4 | 7,9 | 5,7 | 5,5 | 1,8 | 1,6 | 0,8 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,0 |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **36,1** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **2,3** | **1,7** | **1,0** | **1,5** | **1,9** | **1,1** | **1,2** | **1,6** | **2,8** | **1,1** |
| Либос ва пойафзол | 13,0 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 2,2 | 1,4 | 1,8 | 3,2 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 2,8 | 3,4 | 4,5 | 1,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,9 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 1,6 | 1,4 | 1,4 | 0,2 | 1,3 | 1,3 | 4,3 | 3,1 |
| Маводи шустушӯй | 1,0 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | -1,9 | -2,6 | -1,8 | 2,7 | 4,1 | 4,1 | 4,1 | 5,4 | 5,5 | 5,5 | 0,0 |
| Доруворӣ | 0,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,2 | 2,9 | 2,9 | 1,4 | -0,3 | -0,5 | -4,2 | -3,4 | -3,3 | -3,3 | 0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,5 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | -0,1 | -3,6 | -13,4 | -20,0 | -14,4 | -6,8 | -7,9 | -9,8 | -2,6 | 7,6 | 9,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 3,7 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 2,6 | 2,7 | 0,4 | 0,4 | 0,8 | 0,8 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 2,6 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 1,7 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 2,1 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 1,5 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,5 | 1,8 | 1,6 | 1,4 | 2,4 | 2,4 | 0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **12,4** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,3** | **4,2** | **4,1** | **5,3** | **5,7** | **5,2** | **7,3** | **7,3** | **5,5** | **5,5** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,1 | 7,8 | 6,7 | 10,1 | 10,9 | 10,8 | 17,7 | 18,5 | 12,1 | 12,7 | 0,5 |
| Иҷорапулии манзил | 0,8 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,9 | 6,8 | 6,8 | 6,7 | 5,5 | 2,0 | 1,0 | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 45,0 | 44,0 | 40,5 | 36,1 | 36,9 | 37,2 | 37,4 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,2 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 14,1 | 14,2 | 13,9 | 13,9 | 13,7 | 29,7 | 31,9 | 14,7 | 14,8 | 0,1 |
| Оби гарм | 0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,2 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -1,0 | 0,3 | -16,6 | -29,3 | -24,3 | -10,4 | -10,5 | -15,6 | -12,8 | -2,7 | 11,2 |
| Нақлиёт | 1,9 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 0,9 | 1,4 | 1,0 | -0,3 | -4,8 | -4,6 | -4,9 | -5,1 | -5,9 | -6,8 | -0,1 |
| Алоқа | 1,9 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,6 | 7,6 | 3,3 | 2,8 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 0,5 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,3 | 1,5 | 4,1 | 4,0 | 4,0 | 4,0 | 4,1 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | -1,8 | -3,0 | -3,1 | -2,2 | -0,1 | -0,1 | 0,3 | 3,7 | 4,9 | 4,9 | 0,0 |
| Маишӣ | 2,1 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 6,4 | 2,6 | 3,8 | 5,2 | 9,8 | 9,0 | 8,3 | 8,3 | 9,1 | 8,8 | 0,1 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо